# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи докторанти фалсафа (PhD) Сайдализода Орзу Илҳом дар мавзуи «Субъекти махсуси ҷиноят» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030300–Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301–Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) пешниҳод шудааст, (Душанбе, 2025. – 44 саҳ.).**

Истиқлолияти давлатӣ боис гардид, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми нави ҳуқуқию қонунгузорӣ ташаккул ёбад. Дар ин замина институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ инкишоф ёфтаанд, ки таҳқиқу омӯзиши он амри зарурӣ маҳсуб мешавад. Падидаи субъекти махсуси ҷиноят яке аз мавзуҳоест, ки дер боз он дар фазои илми ҳуқуқшиносии ватанӣ мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор нагирифтааст ва ҳамчун мавзуи арзандаи таҳқиқот мебошад. Бо ин назардошт вобаста ба мавзуи мазкур ҳам олимони ватанӣ ва ҳам олимони хориҷии соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ фикру назарҳои арзишманди илмиро пешниҳод намудаанд. Ҳарчанд мавзуи мавриди назар тибқи қонунгузории ҷиноятии кишвар аз ҷумлаи масъалаҳои мубрам арзёбӣ гардида бошад ҳам, то кунун ҳамчун таҳқиқоти комплексӣ аз ҷониби олимони соҳаи ҳуқуқшиносӣ анҷом дода нашудааст.

Пажӯҳишгар рисолаи илмии хешро бо назардошти ҷабҳаҳои таърихӣ, яъне бо истифода аз таҷрибаи низомҳои таърихӣ-ҳуқуқии Тоҷикистон баррасӣ намуда, вобаста ба он фикру андешаҳои худро хулосабарорӣ кардааст. Дар ин замина, як қатор нуқтаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалиро пешниҳод намудааст, ки барои такмили қонунгузории кишвар оид ба ҷиноятҳое, ки аз ҷониби субъектони махсус содир мешаванд, бисёр пураҳаммият мебошанд.

Номбурда таҳқиқоти илмии худро дар заминаи сарчашмаҳои нодири таърихӣ-ҳуқуқӣ, қонунгузории миллӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ анҷом дода, тавассути он роҳҳои ҳал ва такмили қонунгузории соҳавиро дар самти ҷиноятҳое, ки аз ҷониби субъекти махсуси ҷиноят содир мешаванд, пешбинӣ намудааст.

Бинобар ин, зикр кардан ба маврид аст, ки мавзуи рисолаи илмии докторанти фалсафа (PhD) Сайдализода Орзу Илҳом дар мавзуи «Субъекти махсуси ҷиноят» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030300–Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301–Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) ба яке аз масъалаҳои мубрами аҳамияти назариявӣ ва амалидоштаи ҳуқуқи ҷиноятӣ бахшида шуда, ба такмили минбаъдаи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудааст.

Дар вазъияти кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур мубрам ва зарурӣ буда, таваҷҷуҳи бештари олимони соҳаи ҳуқуқи ҷиноятиро ҷалб кардааст.

Дар автореферати диссертатсия мубрамияти мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқот, объект ва предмети мавзуи таҳқиқот, мақсад ва вазифҳои он, асосҳои методологӣ, асосҳои назариявии таҳқиқот, навгонии илмӣ ва нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии рисола муқаррар гардида, оид ба саҳми шахсии довталаб, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба таври зарурӣ пешбинӣ шудааст.

Хулоса ва тавсияҳои дар кори илмии анҷомдодашуда аз ҷиҳати илмӣ асоснок буда, бо усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмии дар таҳқиқот истифодашаванда таъмин карда шудаанд. Бисёре аз муқарраротҳо, хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар таҳқиқот баён шудаанд, навгонии илмӣ мебошанд.

Аз мазмуну муҳтавои автореферат бармеояд, ки муаллиф вазифаҳои дар наздаш бударо ҳал намудааст, вале новобаста аз ин ҳанӯз ҳам баъзе масъалаҳое дар ин самт ҷой дорад, ки таҳлилу баррасии алоҳидаро талаб менамоянд. Аз ҷумла:

Муаллифи автореферати диссертатсия дар таҳқиқоти худ ҷавобгарии субъекти махсуси ҷиноятро мутобиқи қонунгузории давлатҳои пасошуравӣ таҳлил намудааст. Хуб мебуд, ки агар муаллифи автореферат зимни баррасии масъалаи мазкур қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷиро (ба

ғайр аз давлатҳои пасошӯравӣ, дар муқоиса) низ мавриди таҳлил қарор медод.

Эроди мазкур ба сатҳ ва сифати автореферати диссертатсия таъсири манфӣ намерасонад ва танҳо шаҳодати он аст, ки масъалаҳои баррасишаванда хеле муҳим, мураккаб ва баҳснокананд.

Бинобар ин, рисолаи илмии Сайдализода Орзу Илҳом дар мавзуи «Субъекти махсуси ҷиноят» ба бандҳои 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030300–Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301–Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Эдвайзер оид ба таълими факултети ҳисобдорӣ
ва омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди
Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Шарипов С.С.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, н. Сино, кӯчаи Навбаҳор,
хонаи 2, ҳуҷраи 40
**Тел:** (+992) 904-34-60-00
**E-mail:** samandar-sharipov95@mail.ru

Имзои Шарипов С.С.,-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди
Тоҷикистон Мирҷамолов М.А.

**Суроға:** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14)
**Телефон:** (+992 37) 227-30-75
**E-mail:** info@ddmit.tj

«02» 06 2025